**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

735140 ш. Душанбе, кӯч. Шевченко 39. Тел: (+992-37) 227-77-96. Факс:(+992-37) 221-91-92. www: vak.tj

№ 94 аз «1» апрели соли 2020
Ба № ______ аз ________________ соли 2020

Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Комиссия) дар робита ба мактуби шӯро аз 28 марти соли 2020, №167/дс чунин иброз медорад, ки воқеан дар ҷумҳурӣ норасоии мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ эҳсос карда мешавад ва бинобар ба забони давлатӣ таълиф гардидани диссертатсия, аз хориҷи кишвар даъват намудани мутахассисон ба сифати муқарризони расмӣ, мувофиқи мақсад нест.

Ҳамзамон, Комиссия иттилоъ медиҳад, ки ба ҳайси муқарризи расмӣ таъйин намудани мутахассисе, ки бо роҳбари илмии довталаб ба таври соатбайъ дар як муассиса фаъолият мекунанд, хилофи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505) нест.

Аз ин рӯ, Комиссия барои ба ҳайси муқарризи расмӣ таъйин намудани доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Азимзода Назир Бозор – мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳимояи диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқобил нест.

Раис А.Розиқзода

Иҷрокунанда: Марифхонов Р.Н., тел.: (+992 37) 227-65-50; e-mail: vak.tj@mail.ru